## Шарҳи моҳонаи таваррум • Январи 2021

**Дар моҳи январи соли 2021 сатҳи таваррум[1] ба 0,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,1 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби 1,0 фоиз афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯроквории ва 0,4 фоиз молҳои ғайрихӯроквории ба амал омад. Намояи нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи январи соли ҷорӣ бетағйир ҷамъбаст гардид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквории бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили картошка 14,7 фоиз, сабзӣ 11,8 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,2 фоиз, шир 1,5 фоиз, тухм 3,0 фоиз, шакар 0,2 фоиз, себ 0,6 фоиз, нок 0,8 фоиз, нахӯд 2,9 фоиз, ангур 3,8 фоиз, помидор 18,6 фоиз ва бодиринг 19,0 фоиз ба қайд гирифта шуданд, ки раванди мазкур вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ба вуқӯъ пайваст.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквории низ ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла, нархи орди навъи якум -0,5 фоиз, биринҷ -0,5 фоиз, равғани пахта -0,4 фоиз ва пиёз -4,9 фоиз ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯроквории бошад, дар моҳи январи соли 2021 бештар қиматшавии нархи маҳсулоти бофандагӣ 1,4 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 3,8 фоиз ва бензини навъи АИ-92 7,6 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона дар моҳи январи соли 2021 ба 9,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5 б.ф. зиёд мебошад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум, асосан омилҳои мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва таклифотии вобаста ба пандемияи коронавирус (COVID-19) арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи шакар ва равғани пахта, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



хӯрокворӣ (шакар, равғани рустанӣ ва болоравии нархи онҳо дар кишварҳои содиркунанда), маҳдуд шудани тиҷорати байналхалқӣ ва паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ замина гузошт.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро қисман инъикос менамояд, дар моҳи январи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ монда, бо арзёбии солона ба 4,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 2,6 б.ф. зиёд мебошад. Ба ин раванд бештар болоравии нархи маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (аз қабилӣ равғани рустанӣ ва маҳсулоти тайёри нонӣ) саҳмгузорӣ намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагии таваррум бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | | | 2021 | Январ моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизатрасонӣ** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,5** | **0,7** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,7** | **1,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 12,8 | -0,6 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 2,6 | -0,5 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 15,5 | -0,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 5,1 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 5,2 | -0,1 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 22,9 | 3,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 4,6 | 0,0 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 8,7 | 1,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 42,4 | -0,3 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | 1,7 | 1,3 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 8,4 | 8,1 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 44,6 | 0,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,1 | -0,7 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **5,1** | **0,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **6,1** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,6 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 9,0 | 1,1 |
| Моводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,7 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 7,0 | -0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | -1,8 | 4,2 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 13,9 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 1,9 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 8,8 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **3,8** | **0,0** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 2,0 | 0,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 5,7 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 5,3 | 0,0 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 2,0 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,7 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 7,0 | 0,5 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо